«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи
миллии Тоҷикистон
доктори илмҳои иқтисодӣ,
профессор Хушвахтзода Қ.Х.
_______________________
«___» ____________2023 с.

# ХУЛОСАИ

Кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Диссертатсия дар мавзӯи «Таърихи санъати саҳнавӣ, мусиқӣ ва синамои Тоҷикистон дар солҳои истиқлолият (1991- 2016)» дар кафедраи таърихи халқи тоҷики факултети таърихи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро карда шудааст.

Дар давраи омодасозии диссертатсия Яқубшоев Афруз Хубоншоевич ҳамчун доктори фалсафа (PhD), аз рӯи ихтисоси илмҳои таърих дар кафедраи таърихи халқи тоҷики факултети таърихи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон таҳсил намудааст.

Давраи таҳсилот аз соли 2015 ба ҳайси доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос 6D020300 – «Таърих» дохил шуда ва соли 2018 бо муваффақият хатм намудааст.

Роҳбари илмӣ: Қаҳҳор Расулиён - доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи таърихи халқи тоҷики факултети таърихи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

Аз рӯи муҳокима хулосаи зерин қабул гардид:

Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба яке аз масъалаҳои мубрами илми таърих – инъикоси таърихи санъати саҳнавӣ дар солҳои истиқлолият (1991-2016 сс.) мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст.

Дар кор бо назардошти вазъи имрӯзаи илми таърих ва талаботи он баҳри қонеъ сохтани меъёрҳои илмӣ масъалаҳои зерин баррасӣ шудаанд, ки навгониҳои илмии онро инъикос менамоянд: 1) инъикоси нақши

Президенти мамлакат, Эмомалӣ Раҳмон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар барқароркунӣ ва рушди минбаъадаи соҳа; 2) таҳлилу таҳқиқ ва равшан намудани баъзе проблемаҳои ҷойдошта, махсусан таъсири омилҳои бухронӣ ба соҳа ва суст гаштани фаъолияти он; 3) нишон додани маводи зарурии бойгонӣ ва адабиёти илмию матбуоти даврӣ доир ба мушкилоту дастовардҳои соҳаи санъати саҳнавӣ дар кишвар; 4) ба тариқи объективӣ таҳлил намудани вазъи умумии санъати саҳнавии тоҷик дар марҳалаи нави рушд; 5) нишон додани нигоҳи илмии пешомадҳо ва рушди санъати театр, мусиқӣ ва синамо; 6) таҳлили илмии фаъолияти умумии театрҳои касбӣ дар даврони соҳибистиқлолӣ;7) нишон камбудиҳо ва пешниҳод намудани роҳҳои ҳалли мушкилоти соҳа.

Андешаҳои боло навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсиониро тасдиқ намуда, саҳми шахсии муаллифро дар таҳияи диссертатсия нишон медиҳанд. Нуқтаҳои илмӣ ва натиҷаҳои диссертатсия илман асоснок буда, бо далелҳои муътамади таърихӣ ва назариявӣ мустаҳкам карда шудаанд. Нуқтаҳои асосии диссертатсия дар мақолаҳои илмии нашргардида ва баромадҳои муаллиф дар конференсияҳо инъикоси худро ёфтаанд.

Бояд иброз дошт, ки усулҳои умумиилмӣ ва махсуси илмӣ ҳангоми иҷрои диссертатсия истифода шудааст: омӯзиши далелу санадҳо, таҳлил, таҳлили нисбияти таърихӣ, диалектикӣ, таҳлилӣ-мантиқӣ, муқоисавӣ, азнавсозии таърихӣ-мантиқӣ, хулосабарорӣ.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқоти** диссертатсионӣ аз он иборат аст, ки натиҷаи таҳқиқоти рисолаи мазкурро метавон дар омӯзиш ва равашан намудани таърихи муосири халқи тоҷик, махсусан таърихи санъат ва фарҳанги тоҷикон истифода намуд. Ҳамчунин, дар макотиби олии кишвар метавон онро ба сифати курси махсуси омӯзишӣ мавриди истифода қарор дод. Маводи рисолаи мазкур метавонад дар равшан намудани саҳм ва мавқеи санъати театр, мусиқӣ ва синамо дар ҷомеаи муосир кумаки амалӣ расонад.

**Мубрамияти омӯзиш ва таҳқиқи** таърихи санъати саҳнавӣ, мусиқӣ ва синамои Тоҷикистон дар солҳои истиқлолият (1991- 2016)-ро, муаллифи рисола дар чунин нуқтаҳо асоснок кардааст: **якум,** санъати театрии тоҷик дар охири солҳои 90- ум дар натиҷаи душвориҳо чанд сол театрҳои касбӣ аз фаъолияти худ боз монданд ва танҳо бо кӯшиш ва ташаббуси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти кории театрҳо дубора барқарор карда шуда, ба мустаҳкамкунии пойгоҳи моддӣ-техникии онҳо таваҷҷуҳи зиёд зоҳир гардид. Дар солҳои истиқлолият студияҳои нав таъсис дода шуданд; **дуюм,** дар соҳаи мусиқӣ дар солҳои истиқлолият тағйироти назаррасе арзи ҳастӣ намуданд, вале дар ин даврон муҳоҷирати кадрҳои баландихтисос аз оркестри синфонӣ, аз муассисаҳои таълимии мусиқӣ хело авҷ гирифт. Ромишгарон, овозхонҳо ва ҳунарпешаҳои опера ва балет кишварро тарк намуданд, ки дар натиҷа коллективҳои филармонии оркестрҳои симфонӣ ва камеравӣ пароканда шуданд. Вале бо вуҷуди ин тамоми мушкилоти моддӣ ва маънавӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳри пешрафт ва барқароркунии соҳаи фарҳанг чораҳои амалӣ андешида, доир ба ин соҳа санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии муносиб таҳия ва тасдиқ намуд; **сеюм,** санъати синамои тоҷик вазъияти аз ин бартаре надошт ва мушкилоту норасоиҳои ин соҳа ҳам шабеҳи санъати театрӣ мебошад. Ба ин соҳа ҳамоно кадрҳои баландихтисос, васоити техникӣ, маблағ барои таҳия ва истеҳсоли филмҳои бадеӣ ва ҳуҷҷатӣ намерасанд.

**Асосҳои назариявии таҳқиқоти** диссертатсияро асарҳои илмӣ - назариявии муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ оид ба паҳлуҳои мухталифи вазъи санъати саҳнавии Тоҷикистон дар солҳои истиқлолият ташкил медиҳад. Ҳамчунин, ба таври объективӣ баҳогузорӣ намудани масъалаи вазъи санъати саҳнавӣ дар солҳои 1991-2016 ва нишон додани хусусиятҳои умумӣ ва хоси назарияи ӯро фаро мегирад.

Муҳаққиқ мубрам будани омӯзишу таҳлили мавзӯи мазкурро дар замони муосир таъкид намуда, роҳҳои боз ҳам таҳқиқи фарогир намудани таърихи вазъи санъати саҳнавиро нишон додааст.

Муаллиф дар асоси даврабандии таърихии мавзӯи мазкурро ба назар гирифта, давраи хронологии таҳқиқотро чунин муайян намудааст: солҳои 1991-2016-ро фаро мегирад. Ин давра аз рӯйи сатҳ ва дараҷаи рушди соҳаи фарҳанг ба чунин марҳилаҳо ҷудо карда мешавад:

Солҳои 1991-1997 марҳалаи заифшавии муттасили тамоми соҳаҳои фарҳанг бо сабаби ҷанги дохилӣ дар кишвар. Солҳои 1998-2000 давраи барқароркунӣ ва пайдоиши имкониятҳои нав барои рушди соҳаҳои фарҳанг. Солҳои 2001-2016 марҳалаи мустаҳкамкунии пояи ҳуқуқии соҳаҳои фарҳанг ва қабул гардидани барномаҳои дарозмуддати рушди фарҳанг. Нуқтаҳо ва хулосаҳои диссертатсия бо далелҳои муътамади таърихӣ, адабиёти илмӣ ва муқоисаи ҳисоботҳо ва натиҷагириҳои соҳа бо дигар сарчашмаҳо асоснок карда шудаанд. Онҳо дорои аҳамияти илмӣ ва амалӣ мебошанд.

Диссертатсия ба ихтисоси 6D0203- 01- Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) мувофиқат мекунад.

Вобаста ба мавзӯи диссертатсия унвонҷӯ 10 мақолаи илмӣ ба табъ расондааст, ки 5 адади он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия ба табъ расидаанд:

[1-М] **Яқубшоев А.Х.** "Парасту"- зодаи Истиқлолият. / **А.Х. Яқубшоев** // Паёми донишгоҳи миллии Тоҷикистон. № 3/5 - Душанбе, 2017. – С. 153-159.

[2-М] **Якубшоев А.Х.** Театральное искусство суверенного Таджикистана и вклад театров в развитие общей культуры населения / **А.Х. Яқубшоев** // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.- №2 - Душанбе , 2018. –С. 73-80.

[3-М] **Якубшоев А.Х.** Санъати синамои тоҷик дар солҳои истиқлолият ва тамоюли рушди он / **А.Х. Якубшоев** // Паёми Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. 2019.- № 8- Душанбе,- С.212-216.

[4-М] **Якубшоев А.Х.** Театральное искусство в Республике Таджикистан: прошлое и настоящее развитие / **А.Х. Якубшоев** // Вестник науки. №12(57) – Тольятти, 2022. -С.576-589.

[5-М] **Якубшоев А.Х.** Нақши фестивал-озмуни "Дидор" дар густариши ҳунари синамои тоҷик / **А.Х Якубшоев** // Паёми Донишгоҳи забонҳо № 2 (50). –Душанбе, 2023.- С. 278-282.

**Мақолаҳо дар дигар нашрияҳо ба чоп расида:**

[6-М] **Якубшоев А. Х.** Фарҳанги миллӣ зинатбахши ҷаҳонаст / **А.Х. Якубшоев** // Тоҷикистон.- №7, 2015. - С. 17-22.

[7-М] **Якубшоев А. Х.** Нақши Фестивал озмунҳо дар пешрафти санъати саҳнавӣ / **А.Х. Якубшоев** // Тоҷикистон №10, 2016-С.16-21

[8-М] **Якубшоев А.Х.** Развитие театерального искусство в годы независимости Республики Таджикистана. / **А.Х. Якубшоев** // Паёми Донишкадаи забонҳо №2-3 (26-27), Душанбе 2017. – С. 82-90.

[9-М] **Якубшоев А.Х.** Муносибати синамогарони тоҷик бо синамогарони кишварҳои хориҷа. / **А.Х. Якубшоев** // Паёми Донишкадаи забонҳо №2-3 (26-27), Душанбе 2017. – С. 82-90.

[10-М] **Якубшоев А.Х.** Саҳми театрҳои касби дар рушди фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон. / **А.Х. Якубшоев** // "Пайёмномаи фарҳанг" №3 соли 2018.-С.52-56.

Диссертатсия аз рӯи натиҷаи назариявӣ ва хулосаҳои илмӣ, тавсияҳои амалӣ ва сатҳу сифати таҳияи худ ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ арзёбӣ мегардад.

Аз натиҷаҳои муҳокима,

Қарор карда шуд:

1. Диссертатсияи Яқубшоев Афруз Хубоншоевич дар мавзӯи «Таърихи санъати саҳнавӣ, мусиқӣ ва синамои Тоҷикистон дар солҳои истиқлолият (1991- 2016)» таҳқиқоти илмӣ - соҳавӣ ба ҳисоб рафта, ба талаботи пешбинигардида ба соҳиб шудан ба дараҷаҳои илмӣ ва додани унвонҳои илмӣ ҷавобгӯ мебошад.

2. Диссертатсияи Яқубшоев Афруз Хубоншоевич дар мавзӯи «Таърихи санъати саҳнавӣ, мусиқӣ ва синамои Тоҷикистон дар солҳои истиқлолият (1991- 2016)» ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисосҳои 6D0203- 01- таърихи ватанӣ тавсия карда шавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи таърихи халқи тоҷики факултети таърихи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул карда шуд. Дар ҷаласа иштирок доштанд: 22 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ «тарафдор» – 22 нафар, «зид» – нест, «бетараф» – нест, суратмаҷлиси № 5 аз «12»-уми декабри соли 2023.

Мудири кафедраи таърихи
халқи тоҷик ДМТ Асрориён Ҷ.
н. и. т., дотсент,

Котиби ҷаласа, н.и.т. Ҷураев Ҷ.

Имзои Қурбонов Б.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси ДМТ Тавқиев Э.Ш.